«Тасдиқ мекунам»
Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ Аминзода А.Ҳ. ________
«25» майи соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ рӯйи ихтисоси 6.4.3 – Санъати мусиқӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дисseратсияи Каримзода Саъдулло Салим таҳқиқи илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба пажӯҳишу баррасии вижагиҳои жанрии яке аз падидаҳои муҳимми мусиқии кӯҳистон – фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ бахшида шудааст. Дар рисола паҳлуҳои муҳимми фалаксароии ду минтақаи Тоҷикистон – Кӯлоб ва Бадахшон мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба анъана ва решаҳои таърихии он таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Муҳтавои диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3 – Санъати мусиқӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи** диссертатсионии Каримзода Саъдулло Салим зимни баррасии мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» дар муайян намудани меъёрҳои жанрӣ дар фалак ифода меёбад, ки ин масъала ба анҷом додани пажӯҳишҳои бунёдӣ доир ба вижагиҳои жанрии ин навъи санъати мусиқӣ вобаста дониста мешавад. Ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи баланди тафаккури мусиқии мардуми кӯҳистон дар давоми чанд садсола рушду инкишоф ёфтани фалак ва системаи лаҳнии хоси он низ аз муҳимму мубрам будани мавзуи таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин, муқаррар намудани вижагиҳои жарнии фалаксароӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ аҳаммияти илмиву амалӣ дошта, аз муҳимму саривақтӣ будани таҳқиқи илмӣ дарак медиҳад. Ҳангоми баррасии масъалаҳои зикршуда муҳаққиқ ба назарияҳои навини шинохтани жанри

фалак такя намуда, заминаҳои жанрӣ, масъалаҳои композитсионӣ ва татбиқи масъалаҳои назарӣ дар амалияи фалаксароиро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин ҳам аз мубрамии мавзуи таҳқиқ дарак медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Муқаррароти илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда ба назарияҳои муосири мусиқии касбию суннатӣ такя намуда, таҳқиқи вижагиҳои жанрии фалаксароӣ дар минтақаҳои мавриди омӯзиш дар асоси усулҳои илмии мусиқишиносӣ, таҳлили муқоисавӣ ва маводи экспедитсияҳо анҷом дода шудааст. Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал доираи жанрӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва меъёрҳои жанрии фалак дар ду анъанаи аслӣ ба таври муназзам ва муқоисавӣ баррасӣ гардидааст.

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои бадастомада дар он аст, ки муаллиф тавонистааст умумият ва тафовути жанрҳои фалакро дар муҳити гуногуни иҷрокунандагӣ муайян намуда, заминаҳои таърихӣ ва ҳунарии ташаккули онҳоро асоснок созад. Дар диссертатсия маводи нодири экспедитсияҳо ва намунаҳои камшинохташудаи фалаксароӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ба гардиши илмӣ ворид шудаанд, ки арзиши муҳимми илмӣ ва фарҳангӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада** дар он зоҳир мегардад, ки дар илми мусиқии миллӣ бори нахуст хусусиятҳои жанрии фалак дар ду минтақа қиёсан баррасӣ гардида, ҷиҳатҳои монандӣ ва фарқи он нишон дода шудааст. Муҳаққиқ матнҳои мухталифи жанри фалакро ҷамъварӣ ва аз нуқтаи назари композитсионию драматургӣ таҳлилу баррасӣ менамояд. Ба шарофати таҳқиқи диссертатсионии анҷомёфта навъҳои жанрии Фалаки Дарӣ ва Фалаки Сафарӣ бори аввал дар илми мусиқишиносӣ муаррифӣ ва истилоҳи «чорпарда» ҳамчун унвони дигари системаи чормуқом муайян гардидааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**, ки дар чор банд зикр гардидаанд, муқаррароти мухтасари аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда мебошанд. Ин нуктаҳо дар шакли умум мавқеи диссертантро ифода намуда, баёнгари андешаву афкори илмии муҳаққиқ мебошанд, ки дар атрофашон бояд баҳси илмӣ ба вуҷуд ояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Асоснокию эътимоднокии таҳқиқоти илмӣ аз

маълумоти дурусту дақиқ, ба таври кофӣ ҷамъ овардани маводи таҳқиқ ва коркарди натиҷаҳои он, миқдори интишорот ва анҷом додани таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ бармеояд. Хулосаву тавсияҳои пешниҳодгардида ба таҳлилҳои илмии диссертант асос ёфтаанд. Илова бар ин, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияву ҳамоишҳои илмиии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ва якчанд ҳамоишу симпозиуми сатҳи байналмилалӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шудаанд. Диссертатсия таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои жанриро дар анъанаҳои фалаксароии ду минтақаи ҷумҳурӣ таъмин намуда, барои анҷом додани таҳқиқотҳои минбаъда дар ин самт заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия ба масъалаҳои жанри мусиқӣ ва хусусиятҳои назариявию таърихии санъати овозхонии фалак бахшида шуда, илми мусиқии миллиро як андоза мукаммал мегардонад. Маводи назариявии он барои муҳаққиқони соҳа сарчашмаи муҳимми илмӣ ба ҳисоб рафта, дар корҳои илмии минбаъда ба таври васеъ истифода шуда метавонад. Натиҷаҳои аз пажӯҳиш бадастомадаро ҳамчун мавод дар амалияи таълими санъати мусиқии фалак истифода бурдан мумкин аст. Маводи амалии таҳқиқ ҳамчунин дар фаъолияти эҷодии сарояндагони фалак роҳнамои хуб буда метавонад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз натиҷаҳои пажӯҳиш дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Хулосаву натиҷаҳои илмии диссертант оид ба амалисозии мавзуи мавриди пажӯҳиш дар заминаи лоиҳаи илмии «Дарсҳои маҳоратии Фалак дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон» ва омӯзиши таҷрибаи касбии фалаксароёни варзида аз қабили Одина Ҳошим, Давлатманд Хол, Достӣ Орзуев, Гулчеҳра Содиқова, Муҳаммадсафар Муродов, Файзалӣ Ҳасанов, Ақназар Аловатов, Соҳиба Давлатшоева ва дигарон илман асоснок карда шудаанд. Муаллиф дар таҳқиқ ва натиҷагириҳои илмӣ бар асоси консепсияи илмии мусиқишинос Ф. Азизӣ ва бозёфту дастовардҳои мақомшиносону мусиқишоносон ва фолклоршиносон такя мекунад.

Диссертант муаллифи 28 таълифоти илмию таълимӣ ва методӣ мебошад. Аз 22 мақолаи илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқ ба табъ расондааст, 6-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 16-тои дигар дар маҷмуаву нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд. Дар интишороти зикршуда натиҷаҳои асосии диссертатсия ба хубӣ инъикос ёфтааст. Маводи диссертатсия ва таҳлилу баррасиҳои муаллиф баёнгари эътимодбахшии натиҷаҳои таҳқиқ буда, коркарду тасвиби онҳо дар марҳилаҳои гуногун сурат гирифтааст. Дар умум, диссертатсия натиҷаи заҳмату ҷустуҷӯҳои бардавоми муҳаққиқ буда, хуб анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърих ва назарияи мусиқӣ ва кафедраи сарояндагии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов омода гардида, ба самти илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳои зикршуда пурра мувофиқат мекунад, бо мавзуъҳои илмӣ ва нақшаҳои таълимии Консерватория алоқамандии бевосита дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи илмӣ** дар ҷамъоварию ба нота даровардани намунаҳои эҷодиёти фалак, иштирок дар экспедитсияҳои мусиқии этнографӣ, таҳлилу баррасии мавод зоҳир мегардад. Дар баробари ин, ӯ ба фаъолияти пайвастаи омӯзгорӣ ва бастакорӣ машғул буда, назарияро дар амал татбиқ менамояд. Бо ВАО, аз ҷумла бо шабакаҳои телевизионӣ ҳамкории зич дошта, дар тарғиби санъати мусиқии фалак саҳм мегузорад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» аз рӯйи мақсад ва вазифаҳои муқарраршуда аз муқаддима, се боб, хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва феҳристи адабиёт иборат буда, 209 номгӯйи адабиётро дар бар мегирад. Матни диссертатсия дар 223 саҳифаи чопи компютерӣ омода гардида, фаслу бобҳои он мантиқан давоми ҳамдигар мебошанд ва дар якҷоягӣ як асари мукаммали илмию таҳқиқотиро ба вуҷуд овардаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок ва дараҷаи омӯзиши он муайян гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети он мушаххас карда шудааст, дар бораи маводу манобеи пажӯҳиш, асосҳои

методологии таҳқиқ, навгонӣ дар таҳқиқ, аҳаммияти назариву амалӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтори рисола ва амсоли ин изҳори андеша карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Заминаҳои жанрии фалак»** аз 2 фасл иборат мебошад. Фаслҳои он мутаносибан **«Мафҳуми «жанр» дар мусиқишиносӣ»** ва **«Пешомадҳои пайдоиши жанр дар мусиқии суннатӣ»** унвон доранд. Дар фасли аввал масъалаҳои вобаста ба мафҳум ва масъалаҳои назарии жанр дар мусиқишиносӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Муҳаққиқ омӯзиши жанрҳои мусиқиро ба фаҳмиши моҳияти эстетикии мусиқӣ вобаста медонад, ки ба дарки табиати он мусоидат менамояд (Дис., с. 10), барои асоснок намудани фикру ақидаи худ ба муҳаққиқон ва назарияи жанрҳои мусиқӣ такя мекунад. Вобастагии мафҳуми жанрро ба мазмуну мундариҷа ва шаклу сохтор муайян ва мавқеи жанри фалакро дар байни дигар жанрҳои мусиқӣ қайд менамояд. Аз он изҳори қаноатмандӣ карда мешавад, ки дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон барои таҳқиқу омӯзиши жанри фалак ҳамчун навъи санъати мусиқии миллӣ заминаи мусоид фароҳам омад (Дис., с. 21). Дар фасли дуюми боби якум фалак аз падидаҳои муҳимми масиқии суннатӣ ва навъи мақомоти кӯҳистони тоҷик арзёбӣ гардида, барои муайян намудани моҳияти он дар мусиқии суннатии минтақаҳои Кӯлобу Бадахшон, иртиботи он ба жанрҳои дигари мусиқӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад (Дис., с. 22). Муҳаққиқ ба монандиву фарқи навъҳои жанри фалак ва тарзу услули иҷрои он дар ду минтақа, нақши ҳунармандони алоҳида дар ташаккули наътхонӣ ва бо ансамбл иҷро шудани он, навъҳои зарби мусиқӣ ҳангоми иҷрои наът, бандҳои оҳангию композитсионӣ ҳангоми наътхонӣ ва интихоби матнҳои мувофиқи шеърӣ ҳангоми наътхонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, намунаҳои иҷрои амалии онро тавассути нота нишон дода, дараҷоти иҷрои ҳар кадоми онро дар оҳанг муайян намудааст (Дис., с. 23-61).

Боби дуюми диссертатсия – **«Ҳалли композитсионӣ дар жанрҳои фалак»** унвон дошта, ду фаслро дар бар мегирад ва ҳар як фасли он аз рӯйи таносуб ба ду зерфасл тақсим гардидаанд. Фаслҳо ба доираи фарогирии жанрӣ дар анъанаҳои фалаки помирию кӯлобӣ бахшида мешаванд. Дар зерфаслҳо вижагиҳои фалакҳои яккисмаю силсилавӣ дар анъанаҳои фалаксароии ҳар ду минтақа мавриди арзёбии илмӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ махсусиятҳои жанрӣ, матни шеърҳо, бандҳои

композитсионӣ, дараҷоти лаҳни ҳар як навъи жанриро нишон дода, тарзи сабти нотавии ҳар кадоми онро муайян мекунад, дараҷаи густариши ҳар як навъи жанриро дар амалияи мусиқӣ маълум менамояд.

Боби сеюми диссертатсия ба **татбиқи масъалаҳои назарияи жанрӣ** дар амалияи муосири фалаксароӣ бахшида шуда, фарогири се фасл аст. Дар фаслҳои ин боб мавқеи Фалаки Равона дар анъанаи фалаки кӯлобӣ, масоили меъёрҳои жанрии фалак ва амалҳои бастакорӣ ҳангоми фалаксароӣ таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Хулосаҳои муаллифи диссертатсия, ки дар 9 банд дарҷ гардидаанд, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфтаро баён ва илман асоснок менамоянд. Дар тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ мушаххасоти муайян номбар карда шудаанд, ки ба дарки касбияти мусиқии мардуми кӯҳистон мусоидат менамоянд. Муҳаққиқ зимни баёни чунин тавсияҳо дар заминаи кори илмии худ анҷом додани як силсила таҳқиқот ва корҳои таълимию методиро тарҳрезӣ намудааст. Рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳо мувофиқи талабот оварда шуда, ба мавзуи таҳққиқ алоқаманд мебошанд. Дастгоҳи илмии диссертатсия аз рӯйи талабот тартиб дода шуда, ҷо ба ҷо гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссератсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» дар заминаи меъёрҳои мувофиқи илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули овардани иқтибос, таҳияи бобу фаслҳо ва зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт мувофиқи талабот ва ва меъёри омода намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссертатсия, ки мазмуну мундаричаи мухтасари кори илмиро ифода менамояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Варианти русии автореферат бо варианти тоҷикии он пурра мувофиқ буда, муҳтавои корро пурра инъикос мекунад. Мақолаву таълифоти интишорнамудаи диссертант ба мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ пурра мутобиқат мекунанд. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудааст, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии корро ба таври ниҳоят мухтасар инъикос менамояд.

Диссертатсия ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, тахти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссератсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ пурра мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионии мавзуъ аз он ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки кори илмии анҷомёфта буда, аз ҷанбаи қавии назариву амалӣ бархӯрдор аст. Ин баёнгари дарки паҳлуҳои мухталифи мавзуи таҳқиқ аз тарафи диссертант мебошад. Диссертатсия дар илми мусиқишиносии тоҷик дастоварди хуб буда, муаллиф аз уҳдаи вазифаҳое, ки ҳангоми анҷоми таҳқиқи илмӣ дар назди худ гузоштааст, ба хубӣ баромадааст. Ӯ вижагиҳои жанрии анъанаҳои фалаксароиро дар минтақаҳои Кӯлобу Бахахшон ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ баррасӣ намудааст, ки ин аз салоҳияти хуб ва лаёқати баланди довталаби дараҷаи илмӣ нисбат ба таҳқиқоти анҷомёфта гувоҳӣ медиҳад. Гузашта аз ин, нуктаҳои асосии мавзуи таҳқиқ дар конференсияву ҳамоишҳои гуногуни илмию назариявӣ дар шакли маъруза ироа гардидаанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди дастовардҳои зиёд дар кори илмӣ баъзе камбудииву норасоиҳо ба назар мерасанд. Албатта, чунин норасоиҳо хусусияти ҷузъӣ дошта ба сифати кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд ва зикри онҳо барои беҳтар гардидани мазмуну мундариҷа ва сифати таҳқиқотҳои минбаъдаи муаллифи диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар диссертатсия таносуби бобҳо ба назар намерасад: боби аввал 52 саҳифа, боби дуюм 115 саҳифа ва боби сеюм 19 саҳифа. Аз 186 саҳифае, ки се боб ғунҷода шудааст, тақрибан 62 фоизи онро боби дуюм ва 38 дарсадро ду боби дигар дар бар мегирад.

2. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мавқеи ҷиддии муҳаққиқро нишон дода наметавонанд. Чунин нуктаҳо бояд нисбатан қатъиву боҷуръат ифода карда шаванд. Барои ин бо таъбирҳои ***«Собит карда шуд, ки...», «Таҳқиқи илмӣ нишон дод, ки...», « Дар натиҷаи пажуҳиш маълум гардид, ки...», «Пашуҳиши илмӣ ошкор намуд, ки...»*** ва амсоли инҳо шуруъ кардани нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгаванда ба манфиати кор аст.

3. Дар диссертатсия ҷанбаи тавсифӣ нисбат ба таҳлилӣ бештар ба назар мерасад. Жанру шаклҳо ва вижагиҳои онҳо номбар шаванд ҳам, таҳлили амиқи илмӣ ба назар намерасад, ба робитаи сохторию маъноӣ ва интонатсионии жанрҳои шеърӣ ва санъати мусиқии фалак камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

4. Дар шакли **«Ҳалли масъалаҳои композитсионӣ дар жанрҳои фалак»** номгузорӣ намудани боби дуюми диссертатсия ба мақсад мувофиқтар мебошад, зеро унвони феълии боб дар қолаби **«Ҳалли композитсионӣ дар жанрҳои фалак»** нуқсони услубӣ дошта матлабро саҳеҳ ифода намекунад.

5. Методу усулҳои таҳқиқи илмӣ ба таври мушаххас зикр нагардидаанд, ки ба тартибу низоми кор бетаъсир намондааст. Ҷанбаи таҳлилии лаҳниву зарбии намунаҳои нотавии дар диссертатсия овардашуда нисбатан маҳдуд мебошад.

6. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоиву аломатҳои китобат ва аҳёнан нуқсонҳои услубиву мантиқӣ низ ба назар мерасанд (масалан, саҳ. 5, 6, 8, 9, 11, 48 ва ғайра – дар диссертатсия; саҳ. 3, 9, 12, 14, 15 ва ғайра – дар автореферат).

Норасоиҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодаро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти иншоию имлоӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд. Илова бар ин, онҳоислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд. Диссертатсия таҳқиқи мукаммали илмии бaанҷомрасида буда, дар пешрафти илми мусиқишиносии миллӣ, ба хусус бахши фалакшиносии он, нақши муҳим дошта метавонад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида,

шарҳи пурраи худро ёфтаанд. Варианти русии автореферат бо варианти тоҷикии он мувофиқат мекунад. Интишороти таълифнамудаи муҳаққиқ ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссератсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи воситаҳои ахбори омма ва табъу нашри Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва итилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъазода Меҳроб Одина омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва итилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи **№9,** аз 20-уми майи соли 2026) тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи васеъ иштирок доштанд: 21 нафар.

Дар овоздиҳӣ 21 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 21 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
директори Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг
ва итилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Аминзода Абдулфаттоҳ Ҳаким

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ,
ходими пешбари шуъбаи
воситаҳои ахбори омма ва
табъу нашри Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг
ва итилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҷумъазода Меҳроб Одина

**Котиби илмии ҷаласа:**
котиби илмии Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва
итилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Исоев Қадриддин Абдурауфович

**Имзоҳои А. Ҳ. Аминзода, М. О. Ҷумъазода**
**ва Қ. А. Исоевро тасдиқ менамоям:**
Нозири кадри Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва
итилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Холиқова Мунира Иззатуллоевна

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.
Тел: +(992) 233-58-84, +(992) 987766491
E-mail: vfarhang98@gmail.com

«25» майи соли 2026